**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 80/хс
аз «16» 06 соли 2023

Вазорати молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хулоса оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунғузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдор лоиҳаи зикргардида ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти талаботи банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ шудааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа, ки аз ҷониби таҳиякунанда пешниҳод шудааст, Маркази миллии қонунгузорӣ хулосаи зеринро пешниҳод менамояд:

1. Тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳиякунанда) риоя гардидааст.

2. Дар қисми 1 лоиҳа уҳдадориҳо барои шахсони ҳуқуқӣ вобаста ба пешниҳоди ҳисоботи муҳосибӣ, инчунин, муқаррарот ҷиҳати аз ҷониби суд баррасӣ намудани парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ барои вайрон

намудани муҳлат ва тартиби пешниҳод намудани ҳисобот пешбинӣ гардидааст.

3. Дар лоиҳа барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон масрафҳои беасос мушоҳида намегарданд.

4. Роҳи интихобшуда барои ҳалли мушкилот асоснок буда, лоиҳаи мазкур барои дар муҳлати муқарраргардида ва тибқи талабот пешниҳод намудани ҳисоботи молиявӣ мусоидат менамояд.

Муовини якуми
Директор

Соҳибзода М.М.